# ТОҶИКИСТОН

**Хулосаҳои асосӣ:** Дар Тоҷикистон нақзи муназзам, бардавом ва ошкори озодии динӣ идома дорад. Ҳукумати Тоҷикистон ҳама гуна фаъолияти динии мустақил ва берун аз назорати давлатӣ, аз ҷумла фаъолиятҳои мусулмонон, протестантҳо ва шоҳидони Яҳуваро саркӯбӣ карда, ба ҷазо мекашад. Ҳукумат инчунин афроди алоҳидаро бо иттиҳомҳои ҷиноии собитнашудаи марбут ба фаъолиятҳои динии исломӣ ба зиндон мекашад. Фаъолияти шоҳидони Яҳува аз соли 2007 манъ карда шудааст. Ҳеҷ гуна муқаррароти қонунӣ дар бобати эътироз ба хидмати сарбозӣ мавҷуд нест. Бинобар ин USCIRF (Комиссияи Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико оид ба озодии динии байналмилалӣ) бори дигар дар соли 2014 тавсия менамояд, ки Тоҷикистон ба сифати кишвари боиси нигарониҳои хос (CPC) муайян карда шавад. Бори аввал ба сифати кишвари боиси нигарониҳои хос (CPC) муайян шудани Тоҷикистонро USCIRF  дар соли 2012 тавсия карда буд. Тоҷикистон аз соли 2009 ин тараф дар рӯйхати пайгириҳои USCIRF ҷой дода шудааст.

**Заминаҳо**

Иқдомоти ахири хукумат ба муқобили фаъолияти осоиштаи динӣ бахше аз маҷмӯи қонунҳои саркӯбкунандаест, ки дар давоми панҷ соли ахир барои маҳдуд кардани озодиҳои динӣ қабул карда шудаанд. Қонуни дин аз соли 2009 талаботҳои душвор ва безоркунандаи бақайдгириро барои гурӯҳҳои динӣ ҷорӣ менамояд; фаъолиятҳои динии ба қайд гирифта нашуда, инчунин таълимоти хусусии динӣ ва навойинӣ ё тағйири мазҳабро (прозелитисм) ҳамчун ҷурми ҷиноӣ маҳсуб медонад; маҳдудиятҳои шадидро нисбати теъдод ва масоҳати масҷидҳо ҷорӣ мекунад; ба давлат иҷозат медиҳад то дар масъалаи таъйини имомон дахолат намояд; аз ташкилотҳои динӣ барои таъмини омӯзиши динӣ ва робита бо ҳаммазҳабони хориҷӣ иҷозатномаи расмӣ талаб менамояд; ва дар бобати мӯҳтаво, интишорот ва воридоти маводҳои динӣ назорати давлатиро ҷорӣ менамояд.

Дар солҳои 2011 ва 2012 мувофиқи ислоҳҳои кодекси маъмурӣ ва ҷиноӣ ҷаримаҳои нав, аз ҷумла ҷаримаҳои калон ва мӯҳлатҳои ҳабс нисбати иттиҳомоти марбут ба фаъолиятҳои динӣ, ба монанди ташкил ё иштирок дар ҷамъомадҳои "иҷозатнашудаи" динӣ ва ташкил ё иштирок дар "гурӯҳҳои омӯзиши динии ифротӣ" ҷорӣ карда шуданд. Илова бар ин, дар соли 2011 мувофиқи қонун дар бораи масъулияти падару модарон иштироки ноболиғон дар ҳама гуна фаъолиятҳои муташаккили динӣ, ба истисноии маросимҳои ҷаноза ва фаъолиятҳо дар муассисаҳои расмии динӣ, манъ карда шуд. Дар моҳи августи соли 2013 Кумитаи Ҳуқуқи Башари СММ аз Ҳукумати Тоҷикистон дархост намуд, ки дар Қонуни дин, Қонуни масъулияти падару модарон ва Кодекси маъмурӣ, ки тааҳҳудоти кишварро дар назди СММ "ба таври номутаносиб маҳдуд месозанд", "ҳамаи муқарраротро лағв ё ислоҳ намояд". Ин Кумита ҳамчунин аз Ҳукумати Тоҷикистон дархост намуд, ки "муносибати табъизомези худро дар бобати ба қайд гирифтани гурӯҳҳои муайяни динӣ тағйир диҳад;" ба таври қонунӣ ҳуқуқи эътироз ба хидмати ҳарбиро эътироф намояд ва муқарраротеро, ки тавассути онҳо омӯзиши динӣ маҳдуд карда мешавад, ислоҳ намояд.

**Шароитҳои озодии динӣ дар солҳои 2013-14**

***Назорати расмӣ ва маҳдудиятҳо нисбати мусулмонон:*** Мақомоти расмии Тоҷикистон масҷидҳо ва мардумеро, ки ба онҷо мераванд аз хавфи ақидаҳои зиддиҳукуматӣ ва ифротии имконпазир таҳти назорат қарор медиҳанд; нисбати сарулибоси мусулмонӣ маҳдудиятҳо ҷорӣ мекунанд; теъдод ва синнусоли зойирони ҳаҷро назорат мекунанд; ва ба таври ғайримустақим интихоб ва нигоҳдории имомон ва мӯҳтавои хутбаҳои намозро назорат менамоянд. Қонун пӯшидани ҳиҷобро дар муассисаҳои таълимӣ манъ намуда, ба омӯзгорон гузоштани ришро дар биноҳои ҷамъиятӣ манъ мекунад. Дар соли 2005 бо сабаби мавҷуд набудани намозгоҳи алоҳида барои занон Шӯрои нимарасмии уламо ибодати занонро дар масҷид зоҳиран мамнӯъ эълон кард. Президент Эмомалӣ Раҳмон ба Вазорати молия ва Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои динӣ дастур дод, ки пардохти маоши имомхатибони масҷидҳои ҷомеъ то моҳи феврали соли 2014 ташкил карда шавад.

Бино бар гузоришҳо, миқдори рӯзафзуни занони тоҷик эътироз баён мекунанд, ки ҳоло андози супоридаи онҳо барои пардохти маоши имомхатибони масоҷиде масраф мешавад, ки онҳо ҳаққи намозгузорӣ дар онҷоро надоранд. Раҳмон инчунин ба Шӯрои уламо дастур дод, ки барои имомон либоси ягона ҷорӣ карда шавад. Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои динӣ ба имомони саросари кишвар дастур дод, ки ба муқобили "робитаҳои ҷинсии ғайрианъанавӣ" дар соли 2014 мавъиза кунанд.

***Нақзи ҳуқуқи аъзои Ҳизби наҳзати исломӣ:*** Дар Тоҷикистон пас аз фурӯпошии ҳокимияти шӯравӣ ягона ҳизби сиёсии исломӣ амал мекунад, ки дорои ҷойгоҳи қонунӣ буда, он ҳамчун яке аз натиҷаҳои мусолиҳаи миллӣ пас аз анҷоми ҷанги дохилӣ ба даст омадааст. Дар моҳи апрели соли 2013 Маҳмадалӣ Ҳаит, муовини раиси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон аз ҷониби ҳамлагарони номаълум шадидан мавриди латукӯб қарор гирифт. Моҳи январи соли 2014 Умедҷон Тоҷиеви 34 сола, узви ҲНИТ аз шаҳри Исфара, ки дар шимоли кишвар воқеъ аст, дар беморхонаи маҳбас дар шароитҳои бениҳоят шубҳаовар фавтид; ӯ моҳи октябри соли 2013 бо иттиҳомоти ифротгаройӣ ба ҳабс гирифта шуда буд. ҲНИТ ва гурӯҳҳои гуногуни ҳуқуқи башари Тоҷикистон иддао доранд, ки хадамоти амниятӣ ва милисаи тоҷик дар бадрафторӣ ва шиканҷа нисбати боздоштшудагон ва маҳбусон даст доранд.

***Маҳдудиятҳо ба мавзеъҳои ибодат:*** Қонуни Тоҷикистон теъдоди масҷидҳои иҷозатшударо сахт маҳдуд кардааст, дар солҳои охир ҳукумат садҳо масҷид ва намозгоҳҳои сабтнашударо баста, дар шаҳри Душанбе се масҷиди сабтнашударо хароб кард. Як намояндаи расмии шаҳри Душанбе ба хабаргузории Форуми 18 дар соли 2013 изҳор дошт, ки мардум огоҳ карда шуданд, ки барои намозгузорӣ ба масҷидҳои муайян нараванд; равшан набуд, ки агар намозгузориҳо идома ёбанд, чӣ иқдомоте андешида хоҳанд шуд.
Дар соли 2008 ягона канисаи (ибодатгоҳи) яҳудиён, ки дар шаҳри Душанбе воқеъ буд, бо булдозер ба хок яксон карда шуд. Дертар ба ҷамоати яҳудиёни Душанбе биноеро доданд (биноро додарарӯси Президент Раҳмон, яке аз сарватмандтарин бонкдорон тӯҳфа намуд), ки онро танҳо барои ибодат истифода мебаранд, аммо соҳиби он нестанд. Моҳи июли соли 2013 Убайдулло Ҳасанов, собиқ сархатиби ноҳияи Восеи вилояти Хатлон, пас аз ошкоро аз Президент Эмомалӣ Раҳмонов дархост намудани замин барои сохтмони масҷид аз ҷониби Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои динӣ аз вазифааш барканор гардид. Дар

муқоиса бо ин, соли 2009 Маркази фарҳангии Оғохон, аввалин маркази исмоилиён дар Осиёи Марказӣ, дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ гардид ва Тоҷикистон эълон намуд, ки соли 2014 дар шаҳри Душанбе яке аз бузургтарин масҷиди ҷаҳон бо сармоягузории кишвари Қатар сохта хоҳад шуд.

***Маҳдудиятҳо нисбати аққалиятҳои динӣ:*** Соли 2007 Ҳукумати Тоҷикистон фаъолияти шоҳидони Яҳуваро барои ба қавле эҷоди "норизоятӣ" дар байни мардум ва истифодаи ҳуқуқи эътироз ба хидмати ҳарбӣ манъ кард. Моҳи сентябри соли 2013 аз як шоҳиди Яҳува барои сӯҳбат дар бораи дин дар яке аз кӯчаҳои шаҳри Душанбе ба маблағи муодил ба 70 доллари ИМА ҷарима ситонида шуд. Мақомоти Тоҷикистон дар охири соли 2008 ба фаъолияти калисои Ахой, ки қаблан баста шуда буд, иҷозат доданд, аммо маркази масеҳии "Ҳаёти фаровон" ҳанӯз ҳам баста аст. Моҳи августи соли 2013 Шӯрои ҳуқуқи башари СММ "нигаронии махсус"-и худро нисбати манъи мутлақи якчанд фирқаҳои динӣ, азҷумла шоҳидони Яҳува ва гурӯҳҳои муайяни исломию масеҳӣ иброз карда буд.

***Маҳдудиятҳо нисбати адабиёти динӣ:*** Ҳукумат бояд нашр, воридоту содирот, фурӯш ва паҳну тақсими маводи диниро аз ҷониби гурӯҳҳои динии ба қайд гирифта шуда ба тасвиб расонад, ки амалан чунин маводи динӣ аз ҷониби гурӯҳҳои динии ба қайд гирифта нашуда мамнӯъ шудааст. Вазорати фарҳанг матнҳои диниеро, ки номуносиб медонад, аз ҷумла мансуб ба шоҳидони Яҳуваро мусодира кардааст.

***Маҳдудиятҳо нисбати таълимоти динӣ:*** Барои омӯзиши динӣ иҷозатномаи давлатӣ лозим аст ва ҳам падар ва ҳам модар барои таълими кӯдакон бояд иҷозати хаттӣ диҳанд. Танҳо масҷидҳои марказӣ иҷозати ташкили гурӯҳҳои омӯзиширо доранд. Хабаргузории Форум 18 иттилоъ дод, ки то декабри соли 2013 аз шаш мадрасаи ба таври расмӣ тасвибшудаи Тоҷикистон панҷтоаш баста шуда буданд; 300 донишҷӯи ин мадрасаҳо дар вилояти Суғд бояд дар мактабҳои ҳамагонии ғайридинӣ таҳсил намоянд. Мақомоти Тоҷикистон ҳоло танҳо ба як мадраса дар ноҳияи Турсунзода, дар наздикии шаҳри Душанбе иҷозати фаъолиятро додаанд. Ҳангоми муроҷиат ба роҳбарони динӣ ва мақомоти расмии давлатӣ дар моҳи июли соли 2013 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон огоҳ кард, ки "ифротгаройӣ ва таассуб ривоҷ ёфта, зиёда аз он терроризм дар ҷомеа зуҳур намудааст" ва иддао намуд, ки баъзе аз хамткардагони мадрасаҳо дертар террорист шуданд.

**Тавсияҳо ба сиёсати ИМА**

Дар давоми даҳсолаи охир бартарӣ дар сиёсати ИМА дар Осиёи Марказӣ ба ҷанги Афғонистон дода мешуд, аз ин рӯ масъалаҳои ҳуқуқи башар ва озодии динӣ масъалаҳои асосӣ набуданд. Комиссияи Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико оид ба озодии динии байналмилалӣ (USCIRF) чунин мешуморад, ки ин сиёсат кӯтоҳбинона буд.

Вазъияти таҳаввулёбандаи геополитикии минтақа метавонад заруратҳои амнияти навро барои ИМА эҷод кунад ё эҷод накунад, аммо Комиссияи Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико оид ба озодии динии байналмилалӣ (USCIRF) Ҳукумати ИМА-ро даъват менамояд, ки ба масъалаҳои ҳуқуқи башар ва озодии динӣ дар Тоҷикистон бартарӣ диҳад. Илова бар тавсияи худ ба Ҳукумати ИМА оид ба ҳамчун кишвари боиси нигаронӣ маҳсуб донистани

Тоҷикистон Комиссияи Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико оид ба озодии динии байналмилалӣ (USCIRF) инчунин тавсия медиҳад, ки Ҳукумати ИМА бояд:

- Ба мақомоти Тоҷикистон фишор оварад, то ин ки Қонуни дин аз соли 2009 ва қонунҳои марбутаи дигарро дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ба тааҳҳудоти байналмилалӣ, аз ҷумла тааҳҳудоти марбут ба озодии дин ё эътиқод, мувофиқ намояд, инчунин ба таври ҳамагон нақзи ин тааааҳҳудотро аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон мавриди танқид қарор диҳад;

- Назорати муҳокимаҳои додгоҳии онҳоеро, ки дар робита бо мансубияти динии онҳо мутаҳҳам шудаанд, идома диҳад ва бо ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ҳамкорӣ намуда, ба кормандони системаи судӣ дар бораи меъёрҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи башар давраҳои омӯзишӣ ташкил намояд;

- Ҳукумати Тоҷикистонро ба мувофиқат намудан ба боздидҳои гузоришгарони махсуси СММ оид ба озодии дин ва эътиқод, мустақилияти системаи судӣ ва шиканҷа, таъйин намудани рӯзҳои муайяни боздидҳо ва таъмин кардани шароити комилу лозимӣ барои чунин боздидҳо даъват намояд;
- Боварӣ ҳосил намояд, ки сафорати ИМА бо фаъолони ҳуқуқи башар робитаи фаъол барқарор менамояд ва Ҳукумати Тоҷикистонро водор намояд, ки тамосу дастрасии бештари ҳар як маҳбусро бо аъзои оила, нозирони ҳуқуқи башар, хидмати муносиби тиббӣ ва вакили додгустарӣ фароҳам кунад.

- Боварӣ ҳосил намояд, ки кӯмаки ИМА ба Ҳукумати Тоҷикистон, ба истиснои кӯмакҳои башардӯстона ва барои пешрафти ҳуқуқи башар пешбинишуда, дар сурате анҷом меёбад, ки агар ҳукумат ҷадвали замонии иқдомоти мушаххасро барои ислоҳоти Қонуни дин ва беҳбуди шароити озодии динӣ ва эътиқод мураттаб ва амалӣ намояд; ва

- Сармоягузории барномаи Бахши VIII-и Вазорати корҳои хориҷиро дар риштаи пажӯҳишҳо, аз ҷумла пажӯҳиши озодии динӣ ва ҳуқуқи башар, ҳамчунин барномаҳои забонии марбут ба омӯзиши минтақаи Авруосиёро дубора барқарор намояд.